*Конститутсия - кафолати рушди ҷомеаи адолатпарвар ва волоияти қонун*

# Садои мардум

Нашрияи Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон | № 22 (4762) | ҶУМЪА, 16 ФЕВРАЛИ СОЛИ 2024 | Аз 1 январи соли 1991 чоп мешавад

Ҳамовозӣ ба Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон

# ҲИДОЯТҲОИ СОЗАНДАЮ НАСИҲАТҲОИ ПАДАРОНА



**Паёми Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмонро ба Маҷлиси Олии мамлакат, ки санаи 28 декабри соли 2023 ироа гардид, сокинони кишвар хеле самимона пазируфтанд.**

Ҳангоми ироаи Паём Сарвари дурандешу мардумсолори мо ба саҳми арзандаи соҳибкорони бонангу номус ва миллати куҳанбунёду хирадпешаи тоҷик дар тақвиятбахшии корҳои ободонию созандагӣ дар тамоми минтақаҳои ҷумҳурӣ ва сари вақт амалигардонии барномаҳои давлатии рушди иқтисодию иҷтимоии мамлакат баҳои баланд дода, арзи сипос баён намуданд.

Ҳангоме ки ҳар фарди ватанхоҳ ба суханҳои пурмеҳру самимии Пешвои миллат ва дастурҳои ояндасози ин абармарди сиёсат бодиққат гӯш медиҳад, шукр аз он мекунад, ки Худованд ба бахти халқи заҳматкаши тоҷик чунин як Роҳбари қадршиносу мардумсолор ва дилсӯзу ояндабинро додааст.

Солҳои соҳибистиқлолӣ ҳар фарди бохиради ҷомеа шоҳиди бевоситаи он аст, ки тамоми муаммоҳои иқтисодию иҷтимоии ҷойдошта зина ба зина ҳалли худро ёфта истодаанд ва Тоҷикистон ҳамчун як давлати рӯ ба рушду босубот дар арсаи байналмилалӣ ҷойи сазовори хешро ишғол карда истодааст.

Дар паёмҳои ҳарсолаашон Президенти мамлакат бо далелҳои раднашаванда аз тадбирҳои андешидашуда нисбати дигаргунсозиҳои иқтисодӣ, тақвиятбахшии корҳои ободонию созандагӣ ва зина ба зина фароҳам овардани шароити мусоид баҳри ноил шудан ба ҳадафи олӣ - таъмини зиндагии шоистаи ҳар як сокини мамлакат ҳисобот медиҳанд. Аз ҷумла, чуноне дар Паёми навбатӣ таъкид гардид, маҷмӯи маҳсулоти дохилии кишвар дар соли 2023 нисбат ба соли қаблӣ 8,3 фоиз зиёд гардид ва ба беш аз 130 миллиард сомонӣ расонда шуд.

Ба ин мақсад соли 2023 танҳо аз ҳисоби буҷети давлатӣ беш аз 40 миллиард сомонӣ равона карда шудааст, ки нисбат ба соли 2022-юм 5,3 миллиард сомонӣ зиёд мебошад.

Дар 7 соли охир суръати рушди иқтисоди миллӣ ба ҳисоби миёна 7,5 фоизро ташкил дода, ҳаҷми маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ 1,5 баробар зиёд гардидааст, ки ин беҳтарин нишондиҳанда дар байни давлатҳои минтақа ва ИДМ мебошад.

Музди миёнаи меҳнат бошад, беш аз 2 баробар ва андозаи нафақаи ниҳоӣ 1,9 баробар зиёд гардидааст. Бо вуҷуди болоравии нархҳо дар бозорҳои ҷаҳонӣ солҳои охир дар кишвар сатҳи таваррум муътадил нигоҳ дошта шуда, соли 2023-юм он ба 3,8 фоиз баробар шудааст.

Тайи ду даҳсолаи охир сатҳи зиндагии мардуми кишвар тадриҷан беҳтар гардида, нишондиҳандаи сатҳи камбизоатӣ аз 83 фоизи соли 1999-ум то 62 фоиз дар соли 2023 паст карда шуд.

Дар натиҷаи амалисозии тадбирҳои зикргардида сатҳи камбизоатӣ аз 29,5 фоизи соли 2017 то 21,2 фоиз дар соли 2023 коҳиш дода шуд ва ҳангоми ироаи Паём Роҳбари давлат ба Ҳукумати мамлакат дастур доданд, ки ҷиҳати дар 7 соли минбаъда то ба 10 фоиз паст кардани сатҳи камбизоатӣ, чораҳои мушаххасро амалӣ намояд.

Дар натиҷаи амалисозии барномаҳои созандаи Ҳукумати мамлакат қисми даромади буҷети давлатӣ сол ба сол зиёд гардида, соли 2023 ҳаҷми он нисбат ба соли 2017-ум 1,6 баробар афзоиш ёфтааст, ки ин омилҳо, бешубҳа, барои боло бурдани хусусияти иҷтимоии буҷети давлатӣ шароити заруриро фароҳам меоварад.

Ба андозаи 1,9 баробар афзудани хароҷоти соли 2023 барои илму мориф, тандурустӣ ва дигар соҳаҳои иҷтимоии кишвар нисбати соли 2017 ва то ба 18,5 миллиард сомонӣ расондани он далели раднопазири ин гуфтаҳост.

Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки тибқи Паём роҳбарияти олии мамлакат ва Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои дастгирии соҳаҳои иҷтимоӣ ва ба ин васила баланд бардоштани сатҳу сифати зиндагии мардуми кишвар аз ҳисоби буҷети давлатӣ тадбирҳои саривақтиро амалӣ мегардонанд. Аз ҷумла, 9 январи соли равон Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, таҳти рақами 671 ба имзо расид, ки тибқи он, аз 1 январи соли 2024 маоши вазифавӣ (меъёрҳои тарифӣ)-и хизматчиёни ҳарбӣ, кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва кормандони дигари ин мақомот ба андозаи 40 дарсад, аз 1 июли соли 2024 маоши вазифавии кормандони мақомоти ҳокимият ва идоракунии давлатӣ, муассисаҳои соҳаҳои маориф, илм, фарҳанг, варзиш, тандурустӣ, ҳифзи иҷтимоӣ ва ташкилотҳои дигари буҷетӣ 40 дарсад, стипендияҳои амалкунандаи донишҷӯён ва намудҳои дигари стипендия, аз ҷумла стипендияҳои президентӣ (ба ғайр аз курсантҳои муассисаҳои олии ҳарбӣ ва Академияи Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон), ба андозаи 40 дарсад зиёд карда шуда, нафақаҳои суғуртавӣ, меҳнатӣ ва иҷтимоӣ, инчунин, иловапулӣ ба онҳо дар ҳаҷми 30 дарсад аз андозаи муқарраршудаашон индексатсия (зиёд) карда мешаванд.

Баҳри иҷрои ин ҳадафҳо Вазорати молия вазифадор карда шудааст, ки якҷо бо сохтору мақомоти дигари дахлдор ҷиҳати таъмин намудани нишондиҳандаҳои қисми даромади буҷети давлатӣ, самаранокии хароҷоти он ва фарогирии пурраи сарчашмаҳои имконпазири даромади буҷет раванди рақамикунонии молияву андозро густариш бахшида, дар муҳлатҳои наздиктарин низоми мукаммали муносибатҳои молияи рақамиро роҳандозӣ намояд.

Ҳамчунин, ба вазоратҳои молия, рушди иқтисод ва савдо, Бонки миллӣ ва дигар вазорату идораҳо хеле бамаврид дастур дода шудааст, ки дар ду соли минбаъда низоми пардохтҳои ғайринақдиро дар ҳамаи соҳаҳо, аз ҷумла нуқтаҳои савдою хизматрасонӣ, пурра ҷорӣ карда, ҳамгироии фаъолиятро дар ин самт таъмин намоянд.

Дар ҳама давру замон муваффақона амалишавии тамоми дигаргунсозиҳои иқтисодию иҷтимоӣ аз натиҷаи тадбирҳои дар самти сиёсати молиявию қарзӣ андешидашаванда вобастагии куллӣ дорад ва ҳангоми ироаи Паём Президенти ҷумҳурӣ муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба масъалаҳои такмилдиҳии сиёсати молиявӣ, қарздиҳии бонкӣ, рақамикунии иқтисодиёт, ҷилавгирӣ намудан аз тамоми зуҳуроти бюрократию коррупсионӣ бобати дастгирии рушди соҳибкорӣ, таҳияи барномаҳои умумидавлатию минтақавӣ ҷиҳати тақвиятбахшии корҳои ободонию созандагӣ, алалхусус баҳри рушди саноат ва таъсисдиҳии ҷойҳои иловагии корию коҳиш додани муҳоҷирати меҳнатии шаҳрвандон, дастурҳои заруриро доданд.

Дар Паёми навбатӣ низ ба масъалаи тарбияи ахлоқию хештаншиносии ҷавонон, баланд бардоштани сатҳу сифати дониши онҳо эътибори махсус дода шуд. Сарвари давлат ба кулли ҷавонони кишвар бобати қадршиносӣ намудани эшон нисбати волидайни хеш, бо истифода аз оятҳои Қуръони карим ва панду ҳикматҳои бузургон насиҳатҳои волои падарона доданд, ки ин суханҳои гавҳарбор боиси ислоҳи камбудиҳои ҷойдошта хоҳад шуд.

- Мову Шуморо аввал Худо, баъд модар ба дунё овардааст ва баҳри ба воя расондани ҳар як фарзанд падару модар заҳмати зиёд мекашанд. Аз ин лиҳоз, фарзандонро зарур аст, ки ба қадри ин гавҳарҳои ноёб расанд, - таъкид доштанд Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон.

Таъкид кардани онро низ зарур мешуморам, ки чунин дастурҳои манфиатовару панду насиҳатҳои гавҳарбори падаронаи Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмонро ба мардум, алалхусус наслҳои оянда, на ҳама сарварони давлатҳои олам ба халқи хеш дода метавонанд.

Хурсандиовар он аст, ки пас аз ироаи Паёми навбатии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аллакай чандин амру фармонҳо ва нақшаи чорабиниҳои Ҳукумат, вазорату идораҳои дахлдор ва мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ таҳия гардида, мавриди иҷро қарор дода шуда истодаанд ва назорати ҷиддии раванди амалишавии дастурҳои додашуда боиси ҳаллу фасли муаммоҳои мавҷудаи рушди босуботи кишварамон гардида, моро ба иҷрои муваффақонаи ҳамаи ҳадафҳои неки созандаамон наздик менамояд.

Боварии комил дорам, ки ҳар фарди дурандешу ватандӯсти тоҷик аз гуфтаҳои Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон хулосаи даркорӣ бароварда, ҷиҳати иҷрои саривақтии дастуру супоришҳои дар Паём додашуда саҳм мегузоранд ва дар якҷоягӣ мо метавонем баҳри дар арсаи байналмилалӣ нек муаррифӣ гардидани ин кишвари биҳиштосо ва ҳар чӣ зудтар ноил шудан ба ҳадафи олии Ҳукумат - таъмини зиндагии шоистаи ҳар як сокини мамлакат мусоидат намоем.

**Карамулло ОДИЛОВ,**
**собиқадори хизмати давлатӣ,**
**Корманди шоистаи Тоҷикистон**

# ДАР ШУРОИ МАҶЛИСИ НАМОЯНДАГОНИ МАҶЛИСИ ОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**16-уми феврали соли 2024 таҳти раёсати Раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Маҳмадтоир Зокирзода ҷаласаи навбатии Шурои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон баргузор гардид.**

Дар он масъалаҳо «Дар бораи лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйир ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи авф бинобар қонунигардонии дороиҳо ва маблағҳои шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон», «Оид ба лоиҳаи Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи раиси Кумитаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба иқтисод ва молия интихоб намудани Дӯстмуродзода С.» ва «Оид ба лоиҳаи Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ба ҳайати Шурои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон интихоб намудани Дӯстмуродзода С.» мавриди баррасӣ қарор гирифта, ба ҷаласаи навбатии Иҷлосияи панҷуми Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон даъвати шашум пешниҳод гардид.

Масъалаҳо «Оид ба лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Фонди миллии осорхонавӣ ва осорхонаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва «Дар хусуси ёддоштҳои табодулӣ байни Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҳукумати Япония дар доираи Барномаи



волонтёрони Япония оид ба ҳамкории байналмилалӣ (JOCV)» барои додани хулоса ба кумитаҳои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва раёсати ҳуқуқи Дастгоҳи Маҷлиси намояндагон пешниҳод карда шуд.

Шурои Маҷлиси намояндагон, ҳамчунин, «Дар бораи даъват кардани ҷаласаи навбатии Иҷлосияи панҷуми Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон даъвати шашум» ва «Оид ба лоиҳаи Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи рӯзномаи ҷаласаи навбатии Иҷлосияи панҷуми Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон даъвати шашум» қарор қабул кард.

**«Садои мардум»**

# ДУШАНБЕ - ШАҲРИ ХУРРАМУ ОБОДОН...

**Пойтахти кишварамон - шаҳри Душанбе ба шарофати таваҷҷуҳи хоса зоҳир намудан ва сиёсати дурандешонаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва азму талошҳои ҳамешагию шабонарӯзии Раиси шаҳри Душанбе муҳтарам Рустами Эмомалӣ дар тамоми бахшу соҳаҳо симояшро ба куллӣ дигаргун намудааст.**



Суратгир Комрони Сафар

Махсусан иншооти мухталифи таъиноти идорӣ, маъмурӣ, истиқоматӣ ва фарҳангию маърифатидошта, боғу гулгаштҳои хурраму сарсабз, иморатҳои зиёди бо тарҳи шарқӣ ва аврупоӣ орододашуда, фавворaҳо, китобхонаю театрҳо, осорхонаю ёдгориҳои таърихӣ, растаю хиёбон ва кӯчаю ҷодаҳои гуногун ҳусни шаҳрро имрӯзҳо хеле зебою дилрабо намудааст. Яъне, муосиртарин биноҳо бо шаклу усули хоса дар пойтахтамон бунёд гашта, бо намою ҳусни худ симои шаҳрамонро дигаргун сохтаанд...

Душанбе таърихи 2300-сола дошта, номи имрӯзаи Душанбе соли 1676 нахустин бор дар номаи хони шаҳри Балх Субҳонқул Баҳодур ба подшоҳи рус Фёдор Романов зикр шудааст. Дар сарчашмаҳои муътамад омадааст, ки мардуми атрофи манотиқи Ҳисор ҳар як рӯзи душанбе ба яке аз деҳаҳои он, ки Душанбеи имрӯза қарор дорад, барои тиҷорат ва хариду фурӯш меомаданд ва ба ҳамин муносибат ин маконро Душанбе номгузорӣ намуданд.

Дар шаҳр бозёфтҳои гуногуни бостонӣ аз замони Кӯшониён, баъдан, теппаи Искандар, арки Мир, димнаи Шишахона ва ғайраҳо ёфт шудаанд. Душанбе соли 1925 ҳамчун пойтахти Тоҷикистони шуравӣ мақоми шаҳрро гирифта, аз соли 1929 то соли 1961 Сталинобод ном дошт ва соли 1961 дубора боғшаҳри мо Душанбе номгузорӣ шуд.

Вақте ҳамарӯза дар кӯчаю хиёбонҳои он қадам мегузорем, гулгашту растаҳои шукуфони он ба қалби мо нишоту фараҳи беинтиҳо мебахшад ва мардуми шаҳр пайваста барои хуррамию ободӣ ва тозагии шаҳр кӯшиш мекунанд. Ҳамасола дар фаслҳои алоҳидаи сол барои боз ҳам зеботару хуррамтар намудани кӯчаю ҷодаҳо ва растаю хиёбонҳои ин боғшаҳр буттаю ниҳол, дарахтони сояафкан, ороишӣ ва гулҳои рангоранг мешинонанд.

Дар давоми беш аз шаш соли охир (аниқтараш аз моҳи январи соли 2017) маҳз ҳангоми роҳбарии муҳтарам Рустами Эмомалӣ симои пойтахт ба куллӣ тағйир ёфт.

Майдону қасрҳои муосири варзишӣ дар ҳар маҳалу кӯчаҳои пойтахт, марказҳои зиёди фарҳангию фароғатӣ ин ҳама маҳсули иқдомоти созандаи шаҳрдориanд. Имрӯзҳо дар пойтахт аллакай якчанд роҳҳои чандқабата бунёд ёфт ва ҳамагӣ чанд сол қабл бошад, ҳамагон шоҳиди ифтитоҳи қасри боҳашамати варзишӣ дар пойтахт гаштем. Албатта, ин ҳама ободкориҳои шаҳрдорӣ маҳз барои сокинону меҳмонони пойтахт аст ва ин бунёдкорию созандагиҳо ва ободу хуррамгардониҳо аз сокинону истиқоматкунандагони пойтахт масъулияти баландро тақозо менамояд. Ҳамзамон, маҳз дар давраи роҳбарии муҳтарам Рустами Эмомалӣ зебоӣ ва назокати шаҳри Душанбе, ҷолибу пурҷозиба будани он ба назари халқи олам, хусусан мардуми сулҳдӯст ва некхоҳи атроф, бештар намоён гардид. Аслан, вақте ки дар кишварҳои гуногун, халқу миллатҳои мухталиф Душанбеи азизамонро «Шаҳри сулҳ», «Шаҳри дӯстӣ», «Шаҳри фарҳангӣ», «Шаҳри амн», «Маркази илм», «Шаҳри сайёҳӣ» ном мебаранд, ин худ мояи ифтихору сарбаландии ҳар як сокини пойтахт аст.

Ҳоло Қасри миллат, Муҷассамаи Исмоили Сомонӣ, Кохи Наврӯз, Боғи Китобхонаи миллӣ, Боғи устод Рӯдакӣ, Боғи Айнӣ, Боғи устод Фирдавсӣ, Маҷмааи теннис, Боғи Куруши Кабир, боғоту марказҳои бузурги Парчами давлатӣ ва Нишони давлатӣ, инчунин, марказҳои азими илмию фарҳангӣ, донишгоҳу донишкадаҳои олӣ, мактабҳои нави замонавӣ ва даҳҳо боғу хиёбону марказу иншоотҳои муосир симои пойтахтамонро шукӯҳу шаҳомати махсус бахшидаанд. Ин иншооту муассисаҳои бузург, албатта, барои имрӯзу ояндагон пешбинӣ гаштаанд. Пас, бояд нисбат ба онҳо бо эҳтиром, бо як масъулияту маданияти махсус муносибат намоем.

Тавре ки шоҳидем, илова ба ин ҳама навгониҳои пойтахтамон, дар асоси ҳидоятҳои шаҳрдорӣ сохтмони боз даҳҳо меҳмонхонаю дигар иншооти муосир бо дастгирии соҳибкорони кишвар бомуваффақият дар пойтахт ҷараён дорад. Махсусан, дар ин марҳала дар соҳаҳои маориф, тандурустӣ, фарҳанг, варзиш, бахши маърифату истироҳату фароғат низ навгониҳое, ки дар пойтахт сурат гирифтанд, назиру ҳамто надоранд, ки ин албатта, табъи сокинони ватандӯсту хештаншиноси пойтахт ва меҳмонони аз дуру наздик меомадаро болидаю рӯҳбаланд месозад.

**(Давомаш дар саҳ. 3)**

## МУҲОҶИРАТИ МЕҲНАТӢ 16 ФОИЗ КАМ ШУД



**Вазири меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон Гулнора Ҳасанзода зимни нишасти матбуотӣ изҳор дошт, ки соли 2023 аҳолии дар иқтисодиёт фаъол аз рӯи баҳодиҳии пешакӣ 2675,9 ҳазор нафарро ташкил дод, ки аз ин шумора 2627,6 ҳазор нафар ё 98,2 дарсад дар соҳаҳои гуногуни иқтисодиёти кишвар машғули кор буда, ба 48,3 ҳазор нафар ё 1,8 дарсад расман мақоми бекорӣ дода шудааст.**

Бино ба гуфти ӯ, соли сипаришуда аз тарафи шахсони ҳуқуқӣ ва воқеӣ 230747 ҷойи нави корӣ ва иловагӣ таъсис ва баргузор шудааст, ки 79143 ё 34,2 дарсадаш ҷойи кори доимӣ мебошад. Дар ин давра, ҳамчунин, бо назардошти ҷойҳои кории солҳои пеш таъсисёфта 56 503 ҳолати барҳам хӯрдан ва ихтисори ҷойи кори ба қайд гирифта шудааст. Соли 2023-юм 652014 шаҳрванди кишвар ба муҳоҷирати меҳнатӣ рафтаанд, ки нисбат ба соли 2022-юм 16 дарсад кам мебошад.

Вобаста ба назорати давлатӣ дар соҳаи меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолӣ Гулнора Ҳасанзода зикр кард, ки соли сипаришуда фаъолияти 2818 субъекти хоҷагидор мавриди санҷиш қарор гирифта, 13183 қонунвайронкунӣ ошкор карда шуд. Аз ин шумора 9517 ҳолат ба масъалаҳои меҳнат, 2498 ҳолат ба бехатарии меҳнат ва риояи стандартҳо, 76 ҳолат ба муҳоҷират ва 1092 ҳолат ба шуғли аҳолӣ иртибот дорад. Бино ба гуфти номбурда, соли 2023 бо даҳолати Хадамоти назорати давлатӣ дар соҳаи меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолӣ 35 миллиону 283 ҳазор 559 сомонӣ ба буҷети давлатӣ ва шаҳрвандон пардохт шуд.

**Шариф АТОБУЛЛОЕВ, «Садои мардум»**




## НАВОВАРИИ ТАБИБОНИ ТОҶИК ДАР САМТИ ТАШХИС ВА ТАБОБАТ

**Табибони тоҷик соли 2023-юм 224 ҷарроҳии мураккаби пайвандсозии узвро анҷом доданд. Дар ин бора Ҷамолиддин Абдуллозода, вазири тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон, зимни нишасти матбуотӣ иттилоъ дод.**

- Солҳои пештар шаҳрвандони ҷумҳурӣ барои чунин ҷарроҳӣ бо сарфи маблағи зиёд хориҷи кишвар мерафтанд, - афзуд Ҷ. Абдуллозода.

Иттилоъ гирифтем, ки табибони тоҷик дар самти ташхис ва табобат баъзе навовариҳо ворид намуда, натиҷаҳои дилхоҳ ба даст овардаанд. Ташхис ва табобати малформатсияи шараёнӣ-варидии лаб, лифтинги эндоскопии пешонӣ, бартараф намудани найчаи тухмгузар ҳангоми ҳомиладории найчавӣ, гузоштани адасаи дохилии чашм, вискоэластикаи когенизвӣ ҳангоми ҷарроҳии чашмпардаи оризавӣ, истеҳсоли чашми сунъии сулбиявии деворгаш тунук аз ҳамон ҷумлаанд.

Имплантатсияи кохлеарӣ, плазмоферези мембранӣ, бартараф намудани часпиши модарзоди ҳароммағз - тетринг синдром, тривентрикулостомияи эндоскопӣ ҳангоми гидроцефалияи модарзоди окклюзионӣ дар кӯдакон, пӯшондани нуқсони устухони косахонаи сар бо усули 3Д пресс-форма, фенестратсияи деворҳои кистаҳои арахноидалии майнаи сар бо усули эндоскопӣ низ аз дастовардҳои тиби тоҷик дар соли гузашта арзёбӣ шуд.



Истеҳсоли дору ва молҳои тиббӣ дар ҷумҳурӣ соли 2023 зиёда аз 95 миллион сомониро ташкил дод, ки нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 5 миллион сомонӣ зиёд мебошад.

Ин муддат як қатор муассисаҳои табобатии ҷумҳурӣ ба таҷҳизот ва асбобҳои нави тиббӣ - дастгоҳҳои рентгени рақамӣ, катҳои функсионалӣ, таҷҳизоти нафасдиҳии сунъӣ, мониторҳо назди кати бемор, мизи ҷарроҳӣ ва шаш нақлиёти «Ёрии таъҷилӣ» таъмин ва марказҳои ташхиси саломатии ноҳияҳои Зафаробод, Бобоҷон Ғафуров, Масчоҳ ва Фархор навсозӣ шуданд.

**Фарзона ФАЙЗАЛӢ, «Садои мардум»**

## СОДИРОТИ 2680 ТОННА МАҲСУЛОТИ КИШОВАРЗӢ



**- Соли 2023 ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ дар ноҳияи Восеъ ба 185 миллиону 554,8 ҳазор сомонӣ расонда шуд, ки нисбат ба соли 2022-юм 9 миллиону 987 ҳазор сомонӣ зиёд мебошад, - гуфт 9-уми феврал зимни нишасти матбуотӣ раиси ноҳия Ҷамшед Шарифзода.**

Алҳол дар ноҳия 13 лоиҳаи сармоягузории давлатӣ амалӣ гардида истодааст, ки маблағи умумии онҳо 48,3 миллион доллари амрикоиро ташкил медиҳад. Иҷрои нақшаи андозҳо соли гузашта 104,8 фоиз таъмин гардида, ба буҷет 73 миллиону 891 ҳазору 729 сомонӣ ворид шуд.

Қисми хароҷоти буҷети ноҳия 180 миллиону 325 ҳазору 554 сомониро ташкил намуд, ки иҷрои нақша 100 фоиз таъмин шуда, нисбат ба соли 2022-юм 43,7 миллион сомонӣ зиёд мебошад.

Раиси ноҳия дар идомаи нишасти матбуотӣ иброз намуд, ки соли 2023 кишоварзони ноҳия дар ҳама шаклҳои хоҷагидорӣ ҳаҷми умумии маҳсулоти кишоварзиро ба 1 миллиарду 923 миллиону 344,9 ҳазор сомонӣ расонданд.

Изҳор гардид, ки соли гузашта аз тарафи кишоварзони ноҳияи Восеъ ба хориҷи кишвар 2680 тонна маҳсулоти кишоварзӣ содирот гардидааст.

Муҳассилини ноҳия дар озмуну олимпиадаҳои вилоятӣ, ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ иштироки фаъолона намуда, 214 медал, аз ҷумла 98 медали озмунҳои вилоятӣ, 56 медали озмунҳои ҷумҳуриявӣ ва 60 медали озмунҳои байналмилалиро соҳиб шуданд.

**Исломи РАҶАБАЛӢ, «Садои мардум»**

## НАҚШАИ ДАРОМАД ВА ЧОР НАМУДИ АНДОЗ ИҶРО НАГАРДИД

**Соли 2023 нақшаи даромади буҷет ба ҷои 50,6 миллион сомонии нақшавӣ 49,1 миллион сомонӣ иҷро шудааст, ки 97,0 фоизро ташкил медиҳад. Қисми хароҷоти буҷети шаҳр 96,1 фоиз иҷро гардида, нисбат ба нақшаи пешбинишуда 2,9 миллион сомонӣ кам мебошад. Нақшаи чор намуди андоз - аз даромад 15,0 миллион сомонӣ, арзиши иловашуда - 13,8, иҷтимоии ғайрибуҷетӣ**



**- 7,7 ва тибқи низоми содакардашуда 378,1 ҳазор сомонӣ, дар маҷмӯъ, 37,6 миллион сомонӣ ба буҷет ворид нагардид. Ин нуктаро раиси шаҳри Роғун Сунъатулло Саидзода 10-уми феврал зимни нишасти матбуотӣ зикр кард.**

Истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ дар ҳама шаклҳои хоҷагидорӣ 101,4 миллион сомониро ташкил медиҳад, ки нисбат ба соли 2022-юм 5,7 миллион сомонӣ зиёд мебошад. Кишоварзон ба ҷои 976 гектари нақшавӣ дар майдони 985,2 гектар, аз ҷумла дар 536,2 гектар ғалладонагӣ, 104 гектар картошка, 36 гектар зироатҳои техникӣ, 30 гектар сабзавот ва 279 гектар алафҳои бисёрсолаи хӯроки чорво кишт карданд, ки ин нишондод 100,2 фоизро дар бар мегирад.

**Муҳаммад ЗОКИР, «Садои мардум»**

## ШАҲРИНАВ ДАР ПАЙРАҲАИ РУШД



**Давоми солҳои соҳибистиқлолии кишвар ноҳияи Шаҳринав ба пешравиҳои зиёд ноил гардид. Ин нуктаро зимни нишасти матбуотӣ раиси ноҳия Абдуқодир Ализода иброз намуд.**

Ба гуфти ӯ, дар ин давра аз тарафи бахши меъморӣ ва шаҳрсозӣ бо мақсади дар амал татбиқ намудани нақшаи генералии шаҳраки Шаҳринав корҳои зиёд ба анҷом расонда шудаанд.

Тибқи барнома, аз 10 корхонаи саноатии банақшагирифташуда 6 адади он, аз ҷумла корхонаҳои ҶДММ «Аҳмад-Абубакр» (истеҳсоли шарбати мева, консерва), ҶДММ «30-солагии Истиқлолият» (истеҳсоли панҷараҳои оҳанин ва сарпӯши қубурҳо), ҶСП «Воҳид-С» (истеҳсоли қуму шағал), ҶДММ «Зеби диёр» (истеҳсоли хишти сементӣ), корхонаи истеҳсоли маҳсулоти бетонӣ дар деҳоти «Шаҳринав» ва коргоҳи истеҳсоли хишти сементӣ дар деҳоти «Чуст», сохта ба истифода дода шудааст.

Дар давраи ҳисоботӣ, дар маҷмӯъ, 22,5 км роҳҳо ба маблағи умумии 36 млн. 152 ҳазору 238 сомонӣ мумфарш карда шуд.

- Ин дигаргуниҳо танҳо оғози раванди навсозии ноҳияи Шаҳринав ба ҳисоб рафта, минбаъд нақшаҳо барномаҳои пешбинигардида ҷиҳати ба яке аз минтақаҳои босуръат рушдёбандаи кишвар табдил додани ин гӯшаи диёр равона хоҳанд шуд, - гуфт дар хотима Абдуқодир Ализода.

**Саидо НАЗАРОВ, «Садои мардум»**

## ИСТЕҲСОЛИ МАҲСУЛОТИ САНОАТӢ 104 МЛН. ЗИЁД ШУД

**Зимни нишасти матбуотӣ 9-уми феврал раиси шаҳри Турсунзода Парвиз Акрамзода изҳор дошт, ки соли 2023 истеҳсоли мол ва хизматрасонӣ 4 млрд. 676 млн. сомониро ташкил дод, ки нисбат ба соли 2022-юм 427,6 млн. сомонӣ зиёд мебошад. Дар ин давра нақшаи даромади буҷети шаҳр бо назардошти андози иҷтимоии ғайрибуҷетӣ 100,3 фоиз ва қисми хароҷот 96,5 фоиз иҷро гардид.**

Заҳматкашони шаҳри Турсунзода соли 2023-юм 112613 тонна маҳсулоти кишоварзӣ истеҳсол намуданд.

Зикр шуд, ки шаҳри Турсунзода яке аз шаҳрҳои саноатии ҷумҳурӣ ба шумор рафта, барои расидан ба ҳадафи чоруми стратегӣ - саноатикунонии босуръати кишвар тадбирҳои зарурӣ андешида мешаванд. Соли 2023 истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ 1 миллиарду 123 миллион сомониро ташкил дод, ки нисбат ба соли пешин 104 миллион сомонӣ зиёд мебошад.



Соли 2023 дар шаҳр муассисаи нави таълимӣ барои 1200 хонанда, инчунин, 115 синфхонаи иловагӣ бо 2 720 ҷои нишаст ба истифода дода шуд. Корҳои сохтмонӣ дар 222 синфхонаи иловагӣ барои 5 394 ҷои нишаст идома дорад. Се муассисаи томактабӣ барои 138 кӯдак ба истифода дода шуда, 8 муассисаи томактабӣ то Ҷашни 35-солагии Истиқлолияти давлатӣ ба истифода дода мешаванд.

Таъкид шуд, ки дар доираи Ҷашни 35-солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҳамкорӣ бо соҳибкорон 435 иншооти гуногун бунёду барқарор мешавад. То имрӯз 187 иншоот бо харҷи 73,1 миллион сомонӣ, аз ҷумла 28 иншоот дар соҳаи маориф, тандурустӣ - 16, варзиш - 11, хизматрасонии маишӣ - 2, саноат - 10, маркази хизматрасонии савдо 34 адад ба истифода дода шуд. Ҳоло дар 126 иншооти ҷашнӣ корҳо бомаром идома доранд.

**Саидо НАЗАРОВ, «Садои мардум»**

## Миралӣ ДОСТИЗОДА: «ДАСТОВАРДИ ДОНИШҶӮЁН НАЗАРРАС МЕБОШАД»



**- Дар Консерваторияи миллии Тоҷикистон ба номи Талабхуҷа Сатторов лабораторияи омӯзиш, таҳқиқ ва таъмири созҳои мусиқӣ таъсис ёфт. Алҳол 4 устои моҳир ба сохтани таъмири асбобҳои мусиқии дутор, най, рубоб ва монанди инҳо машғуланд, - гуфт ректори консерватория Миралӣ Достизода зимни нишасти матбуотӣ.**

Барои баланд бардоштани сифати таълим, хоса сатҳи иҷрои донишҷӯён, бо ҷалби устодони варзидаи хориҷӣ дарсҳои маҳорат доир гардид. Аз ҷумла, ҳунармандон - устодони маъруфи мусиқии Россия Виктория Носовская ва Вячеслав Алховский ба донишҷӯёни ихтисоси сароиндагии академӣ дарс гузаштанд.

Миралӣ Достизода дастоварди донишҷӯёнро назаррас арзёбӣ намуда, афзуд, ки донишҷӯён Фараҳноз Қурбонмамадова, Ҷовид Ҳасанов, Абдуллозода Шерзод, Савсан Савдаршоева дар озмунҳои байналмилалии навозандагию сароиндагӣ, ки дар Ҷумҳуриҳои Қазоқистон, Туркия ва Федератсияи Россия доир шуд, ҷойҳои ифтихориро сазовор шуданд.

Иттилоъ гирифтем, ки раёсати консерватория ба таҷрибаомӯзии донишҷӯён диққати хоса дода, таҷрибаомӯзии омӯзгорӣ (таълимӣ) ва таҷрибаомӯзии иҷрокунандагӣ (эҷодӣ)-ро ба роҳ мондааст. Таҷрибаомӯзии таълимӣ дар коллеҷу мактабҳои миёнаи махсуси мусиқӣ, таҷрибаомӯзии эҷодӣ дар ансамблу оркестрҳои давлатӣ гузаронда мешавад.

**Тилло НЕКҚАДАМОВ, «Садои мардум»**

## НОРАСОИИ ОМӮЗГОРОН БАРТАРАФ ГАРДИД



**Ректори Донишкадаи давлатии санъати тасвирӣ ва дизайни Тоҷикистон Ҷамшед Ғанизода зимни нишасти матбуотӣ иттилоъ дод, ки масъулини самти робитаҳои байналмилалии донишкада дар 10 чорабинии гуногун, аз ҷумла фестивалу форум ва вохӯриҳои сатҳи байналмилалӣ иштирок намуда, бо 5 муассисаи таҳсилоти олии касбии Федератсияи Россия ва Ҷумҳурии Ӯзбекистон дар соҳаҳои маориф, фарҳанг, санъати тасвирӣ, сафарбарии академӣ, мубодилаи донишҷӯён, таҷрибаомӯзӣ ва такмили ихтисоси кормандону омӯзгорон созишнома ба имзо расонданд.**

Дар асоси созишномаҳои баимзорасида 10 донишҷӯи курси сеюм ва омӯзгорони кафедраи санъатшиносӣ барои таҷрибаомӯзии таълимӣ ва ошноӣ бо ёдгориҳои таърихии шаҳрҳои Самарқанду Бухоро ба Ҷумҳурии Ӯзбекистон фиристода шуданд.

Ҷамшед Ғанизода дар посух ба суоли хабарнигори рӯзнома дар робита ба норасоии омӯзгорон касбӣ чунин гуфт:

- Донишкада ҷавон аст ва дар ибтидои фаъолият ба чунин мушкил мувоҷеҳ буд, вале ин норасоӣ аз ҳисоби хатмкардагони худӣ бартараф гардид. Ҳоло беш аз 30 фоизи омӯзгоронро дастпарварони донишкада ташкил медиҳанд.

**Н. НИЗОМӢ, «Садои мардум»**

## Муҳриддин НИЗОМӢ: «БАРОИ ТАЪМИНИ КИТОБХОНАҲО БО МУТАХАССИСОН РОҲБАРОНИ МУАССИСАҲО БОЯД ТАЛОШ НАМОЯНД»



**- Донишкадаи давлатии фарҳанг ва санъати Тоҷикистон ба номи Мирзо Турсунзода тибқи нақша ба факултети китобдорӣ 63 довталабро бояд ба таҳсил фаро гирад ва ин нақша ҳамасола иҷро мегардад. Соли 2023 ихтисоси китобхонашиносӣ ва китобшиносиро теъдоди зикршуда хатм намуданд, ки аксарият барои кор ба китобхонаҳои кишвар сафарбар шуданд, - гуфт дар посух ба суоли хабарнигори рӯзномаи «Садои мардум» ректори донишкада Муҳридин Низомӣ.**

Номбурда, ҳамзамон, афзуд, ки барои таъмини китобхонаҳо бо мутахассисони соҳибтахассус роҳбарони муассисаҳо бояд талош намоянд.

Зикр гардид, дар марҳилаи сипаришуда филиали кафедраи китобхонашиносӣ ва библиографияшиносии донишкада дар назди Китобхонаи марказонидашудаи шаҳри Душанбе ба номи Абулқосим Лоҳутӣ ифтитоҳ гашт, ки ҳафтае ду маротиба дарсҳои донишҷӯёни шуъбаи рӯзона он ҷо мегузарад.

Донишҷӯёни донишкада дар Фестивали филмҳои кӯтоҳметраи донишҷӯёни кишварҳои ИДМ, ки дар Донишгоҳи давлатии умумироссиягии кинематография ба номи С. Герасимови Федератсияи Россия баргузор шуд, иштирок намуда, бо ҷоиза ва дипломи «Беҳтарин нақши мардона» ва «Ҷалби таваҷҷуҳи тамошобинон» сарфароз гардиданд.

**Марҷона СОЛИҲЗОДА, «Садои мардум»**

## ВОРИДОТИ САРМОЯИ ХОРИҶӢ 26,1 ФОИЗ АФЗУДААСТ



**13-уми феврал дар Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон нишасти матбуотӣ баргузор гардид.**

Раиси кумита Султон Раҳимзода изҳор дошт, ки соли 2023 воридоти сармояи хориҷӣ ба ҷумҳурӣ 2,7 миллиард доллари ИМА-ро ташкил дода, афзоиши он нисбат ба соли 2022-юм 113,6 млн. доллар буда, аз ҳисоби зиёдшавии дигар сармоя ба андозаи 26, 1 дарсад ё ба маблағи 510, 8 миллион доллар ташаккул ёфтааст.

Ҳамчунин, маълум гардид, ки дар соли 2023 барои бунёди 4 корхонаи бузурги саноатию хизматрасонӣ ба маблағи 1,4 миллиард сомонӣ бо сармоягузорони хориҷию ватанӣ созишномаҳои сармоягузорӣ ба имзо расонда шуда, корбарӣ барои воридоти сармоя ва оғози лоиҳаҳо идома дорад. Инчунин, дар ин давра маҷмӯи лоиҳаи сармоягузории давлатии амалкунанда дар ҷумҳурӣ аз 85 адад (51 қарз ва грант) иборат мебошад, ки маблағи умумии онҳо 49,3 млрд. сомонӣ (4,5 млрд. доллар)-ро ташкил медиҳад.

- Дар таркиби маҷмӯи лоиҳаҳои амалкунанда маблағҳои грантӣ 32,9 млрд. сомонӣ (3,0 млрд. доллар) ё 67,1 дарсад, маблағҳои қарзӣ 15,0 млрд. сомонӣ (1,37 млрд. доллар) ё 29,7, саҳми Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон 1,34 млрд. сомонӣ (122,0 млн. доллар) ё 2,6 ва дигар саҳмгузорон, аз ҷумла саҳми корхонаҳои давлатии ҷумҳурӣ, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, ҷамоатҳо (бенефитсиарҳо) ва ғайра 62,9 млн. сомонӣ (5,7 млн. доллар) ё 0,1 дарсадро ташкил медиҳад. Дар доираи лоиҳаҳои давлатии сармоягузории амалкунанда аз оғози татбиқ 25,8 млрд. сомонӣ (2,35 млрд. доллар) маблағҳо аз худ гардидааст, - зикр намуд раиси кумита.

**Ш. ҲУСЕЙНЗОДА, «Садои мардум»**

## БЕКОРШАВИИ АҚДИ НИКОҲ 3578 ҲОЛАТ КАМ ГАРДИД



**12-уми феврал Бунафша Файзидинзода, раиси Кумитаи кор бо занон ва оилаи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, зимни нишасти матбуотӣ изҳор дошт, ки мавзуи занону духтарон, оила, модару кӯдакон аз масъалаҳои мубрами рӯз дар кишвар маҳсуб меёбад, зеро ташкилу пойдории давлат аз мустаҳкамии оилаҳо вобастагӣ дорад.**

Ҳамзамон, дуруст ба роҳ мондани тарбия дар оилаҳо ва дар рӯҳияи неки инсонию ватандӯстӣ ба воя расондани фарзандон метавонад дар ҳалли бисёр масоили доғи рӯз, пешрафти ҷумҳурӣ, баланд бардоштани иқтисод ва сатҳи зиндагии мардум мусоидат намояд.

Табиист, ки дилхоҳ ҷомеа бе камбудӣ намешавад. Мутаассифона, аз таъсири баъзе зуҳуроти манфии давраи ҷаҳонишавӣ ҷумҳурии мо низ дар канор намондааст ва дар ин самт дар баробари муваффақиятҳо камбудию норасоиҳои ҷиддӣ низ ба назар мерасанд. Боварии комил дорем, ки бо кӯшишҳои дастҷамъона дар ҳалли онҳо муваффақ хоҳем шуд. Қайд кардан бамаврид аст, ки дар муқоиса бо соли гузашта кам гардидани пошхӯрии оилаҳо, ҳолатҳои куштор ва сӯиқасд ба ҷон, ҷиноятҳои поймолкунии ҳуқуқи занону модарон ва монанди инҳо боиси хурсандӣ ва дилгармӣ ба кор мебошад.

Соли 2023-юм 76 ҳазору 444 ақди никоҳ ба қайд гирифта шуда, шумораи бекоршавии ақди никоҳ нисбат ба соли гузашта 3 ҳазору 578 ҳолат кам гардидааст.

- Теъдоди ноболиғон аз бекор шудани ақди никоҳ 10 ҳазору 985 нафарро ташкил медиҳад, ки нисбат ба ҳамин давраи соли 2022-юм 5 ҳазору 327 нафар кам мебошад, - зикр кард Б. Файзиддинзода.

**Мирзо РУСТАМЗОДА, «Садои мардум»**

## ИФТИТОҲИ 5 КОРХОНАИ НАВ ДАР СОЛИ 2024



**Дар ноҳияи Шоҳмансури шаҳри Душанбе соли 2023 иҷрои умумии даромадҳо 101,7 фоиз таъмин гардида, маблағи 1 миллиарду 150,6 миллион сомониро ташкил дод, ки ин нисбат ба соли 2022 ба маблағи 77,5 миллион сомонӣ зиёд аст. Корхонаҳои саноатии ноҳия бо назардошти сектори ғайридавлатӣ дар ҳаҷми 641,6 миллион сомонӣ маҳсулоти саноатӣ истеҳсол карданд, ки дар муқоиса бо соли 2022 ба маблағи 129,5 миллион сомонӣ зиёд мебошад. Ҳоло дар ҳудуди ноҳия 150 корхонаи саноатӣ фаъолият мекунад ва дар соли ҷорӣ ба истифода додани боз панҷ корхонаи дигар ба нақша гирифта шудааст.**

Дар ҳисоботи мухтасари раиси ноҳия Билол Иброҳим зимни нишасти матбуотӣ 14-уми феврал ин далелҳо зикр шуд. Дар давраи ҳисоботӣ дар ҳудуди ноҳия 45838,8 метри мураббаъ роҳҳо асфалтпӯш карда шуд, ки ба 130,9 фоизи нақша баробар аст.

Иттилоъ гирифтем, ки дар соли сипаригардида хонандагону омӯзгорон дар озмунҳои «Тоҷи сари ҷумла ҳунарҳост илм», «Фурӯғи субҳи доноӣ китоб аст», «Тоҷикистон» - Ватани азизи ман», «Илм - фурӯғи маърифат» ва «Тоҷикон - оинаи таърихи миллат» фаъолона иштирок карда, соҳиби ҷойҳои намоён гардиданд.

**Б. КАРИМЗОДА, «Садои мардум»**

## САТҲИ ТАВАРРУМ 3,8 ФОИЗРО ТАШКИЛ НАМУД



**14-уми феврал зимни нишасти матбуотӣ раиси Бонки миллии Тоҷикистон Фирдавс Толибзода гуфт, ки соли 2023 сатҳи таваррум дар ҳудуди поёнии нишондиҳандаи мақсаднок ҷамъбаст гардида, 3,8 фоизро ташкил намуд, ки нисбат ба соли 2022-юм 0,4 банди фоизӣ кам мебошад. Бино ба гуфти ӯ, нишондиҳандаи мазкур асосан аз ҳисоби болоравии нархи маҳсулоти хӯрокворӣ 3,4 фоиз, молҳои ғайрихӯрокворӣ - 6,6 ва арзиши хизматрасониҳои пулӣ 1,2 фоиз ба амал омад. Бонки миллии Тоҷикистон дар соли ҳисоботӣ ҷиҳати идоракунии сатҳи пардохтпазирии ташкилотҳои қарзӣ, коҳиш додани фишорҳои таваррумӣ-қурбӣ ва фаъолгардонии бозори молиявӣ 108 музоядаи фурӯши коғазҳои қиматнокро ба маблағи 8,9 миллиард сомонӣ баргузор кард.**

Ҳамчунин, иттилоъ дода шуд, ки соли 2023 қурби расмии сомонӣ нисбат ба доллари ИМА 7,4 фоиз паст гардид.

- Соли 2023 ба низоми бонкии кишвар 2 204,6 миллион доллари ИМА қарз, сармоягузориҳои мустақим ва ҷомадонӣ ҷалб карда шуданд, ки нисбат ба ҳамин давраи соли қаблӣ 66,8 фоиз зиёд мебошад. Бонки миллии Тоҷикистон минбаъд низ барои татбиқи самараноки сиёсати пулӣ, пурзӯр намудани танзим ва назорати фаъолияти ташкилотҳои қарзӣ, ҳифзи ҳуқуқу манфиатҳои истифодабарандагони хизматрасониҳои бонкӣ, таъмини шаффофияти фаъолияти ташкилотҳои қарзӣ, тақвияти идоракунии корпоративӣ ва ба ин васила нигоҳ доштани эътимоди аҳолӣ ба низоми бонкӣ пайваста чораҳои зарурӣ меандешад, - афзуд Фирдавс Толибзода.

**Раҳмоналӣ ҲАБИБОВ, «Садои мардум»**

# ЗИНДАГИИ БОМАСЪУЛИЯТОНА

## - ҳадафи асосии эълон гардидани «Соли маърифати ҳуқуқӣ»

**Паёмҳои солонаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти рушди сиёсию иқтисодии кишвар ва дурнамои он аҳамияти махсус доранд. Дар онҳо тамоми паҳлуҳои иҷтимоӣ, иқтисодии кишвар мавриди таҳлил ва баррасӣ қарор мегиранд.**

Дар Паёми навбатии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, ки 28-уми декабри соли 2023 ироа гардид, диққати асосии Пешвои миллат ба самти такмил ва рушди донишу маърифати ҳуқуқӣ равона шуда буд. Маҳз ба ҳамин хотир ва ба шарофати 30-солагии Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон соли 2024 «Соли маърифати ҳуқуқӣ» эълон гардид.

Ҳадафи асосии сиёсати ҳуқуқии кишвар қарор гирифтани масъалаи баланд бардоштани маърифати ҳуқуқии шаҳрвандон дар робита ба расидан ба мақсадҳо ва вазифаҳои давлати ҳуқуқбунёд, аз ҷумла баҳри дар амал татбиқ намудани арзишҳои давлати ҳуқуқбунёд, аз қабили волоияти ҳуқуқ ва қонун ба ҳисоб меравад.

Бояд гуфт, ки ҳанӯз 9 апрели соли 1997 Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи сиёсати ҳуқуқӣ ва таъмини тарбияи ҳуқуқии шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон», худи ҳамон сол ҷиҳати дар амал татбиқ намудани фармони мазкур Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 22 августи соли 1997 «Дар бораи баъзе чораҳои беҳтар намудани тарбияи ҳуқуқии шаҳрвандон ва кори ҳуқуқӣ дар ҷумҳурӣ» ва бори дуюм Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон 29 апрели соли 2009 «Барномаи таълим ва тарбияи ҳуқуқии шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2009-2019»-ро қабул намуд. Мақсад аз ин тадбирҳо баланд бардоштани сатҳи маърифату донишҳои ҳуқуқии шаҳрвандон, ташаккули ҳисси масъулиятшиносӣ, ватандӯстӣ, эҳтиром нисбат ба Конститутсия ва қонунҳои амалкунандаи кишвар, дарк намудани ягонагии ҳуқуқ, озодӣ ва вазифаҳои асосии инсон ва шаҳрванд, таъмини фаъолнокии сиёсии аҳолии ҷумҳурӣ иборат буда, расидан ба ҳадафҳои мазкур, аз қабили баланд бардоштани маърифати ҳуқуқии аҳолӣ, бахусус, наврасону ҷавонон, инчунин, баланд бардоштани фарҳанги ҳуқуқии роҳбарони корхонаҳо, муассисаҳо ва ташкилотҳои ҷумҳурӣ, новобаста аз шакли моликият, кормандони мақомоти давлатӣ ва иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ, истифодаи самараноки воситаҳои ахбори омма ва ҳамоҳангсозии фаъолияти мақомоти давлатӣ, ташкилотҳои ҷамъиятӣ дар раванди таълим ва тарбияи ҳуқуқии шаҳрвандон, ҷалби шаҳрвандон ба корҳои ҳуқуқӣ, тарғиби ғояҳои ҳуқуқӣ дар байни аҳолӣ, мусоидат ба аҳолӣ бобати ҳимояи ҳуқуқу манфиатҳои қонунӣ, фароҳам овардани шароити мусоид ҷиҳати ба даст овардани маълумоти дақиқ ва мушаххас дар бораи ҳуқуқу озодиҳо ва вазифаҳои аҳолӣ, мукаммал намудани маърифати ҳуқуқии шаҳрвандон бо назардошти анъанаҳои миллӣ, ба таълим ва тарбияи ҳуқуқӣ фаро гирифтани тамоми гурӯҳҳои аҳолӣ бо назардошти синну сол, касб ва дигар хусусиятҳо дар заминаи нақшаҳои дарозмуддати чорабиниҳои ҳуқуқӣ коркард ва татбиқи шаклҳои нави таълим ва тарбияи ҳуқуқии шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад.

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки масъалаи баланд бардоштани фарҳангу маърифати ҳуқуқии шаҳрвандонро меҳвари асосии сиёсати ҳуқуқии худ қарор додааст, 27-уми ноябри соли 2019 таҳти №599 бори сеюм «Барномаи таълим ва тарбияи ҳуқуқии шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2020-2030»-ро қабул ва мавриди амал қарор дод.



Зери мафҳуми «маърифати ҳуқуқӣ» маҷмӯи донишҳое, ки атрофи меъёрҳои ҳуқуқӣ ва қарору санадҳои ҳуқуқии аз ҷониби давлат қабулгардида ва ғайра баҳс мекунанд, фаҳмида мешавад ва ҳамаи он ҷиҳати ба танзимдарории муносибатҳои ҷамъиятӣ нигаронда шудааст.

Аз ин иқдом баланд бардоштани сатҳи саводу маърифатнокии мардум ва дар навбати аввал, наврасону ҷавонон, тақвияти ҳисси миллӣ, ватандӯстию ватанпарварӣ, ҳувияти миллӣ, арҷгузорӣ ва омӯхтани забон, таърих, фарҳанги бостонии тоҷикон, тавсеаи доираи донишу ҷаҳонбинии илмию техникӣ ва рушди илмҳои дақиқу табиӣ мавриди назар аст. Аз ҷумла, ба олимони ҷомеашинос ва зиёиёни эҷодкор тавсия дода шудааст, ки дар шароити ҷаҳонишавӣ бо мақсади ҳифзи арзишҳои миллӣ, таъриху фарҳанг ва забону адабиёти миллати куҳанбунёдамон баҳри ба ҷаҳониён бештар муаррифӣ кардани таърих, тамаддун ва фарҳанги халқи тоҷик, рисолати шаҳрвандию миллии худро ба таври шоиста иҷро намоянд. Дар ин ҳуҷҷати муҳими таърихӣ эҳёи арзишҳои миллӣ ва ҳифзу тарғиби ёдгориҳои бостонию фарҳангӣ барои баланд бардоштани рӯҳияи ватандӯстию ватанпарастӣ ва худогоҳию хештаншиносии мардум, хусусан наврасону ҷавонон, таъкид шудааст.

Мавриди зикр аст, ки баланд бардоштани сатҳи дониш ва маърифати ҳуқуқии шаҳрвандон яке аз самтҳои афзалиятноки фаъолияти мақомоти Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон маҳсуб меёбад, ки он дар банди «г» моддаи 11 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» омадааст. Маърифати ҳуқуқӣ оид ба масъалаҳои ҳуқуқи инсон, шаклу усулҳои ҳимояи онҳо аз ҷониби Ваколатдор дар соҳаи иттилоот, таҳсилот ва тарбия амалӣ мегардад ва мақсадҳои пешгирии поймол гардидани онҳо, ташаккули демократии ҷаҳонбинии ҷомеа ва дарки ҳуқуқии шаҳрвандиро дар назар дорад. Дар боби 3 ва банди 2 афзалиятҳои асосии «Стратегияи фаъолияти мақомоти Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон барои солҳои 2021-2025» омадааст, ки мусоидат ба баланд бардоштани маърифати аҳолӣ дар соҳаи ҳуқуқи инсон яке аз самтҳои афзалиятноки мақомоти Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон ба шумор меравад.

Ҳамин тариқ, Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олӣ ҳуҷҷати муҳими стратегӣ буда, татбиқи амалию пурраи он ба рушди ҳамаҷонибаи соҳаҳои ҷумҳурӣ, беҳтар шудани сифати зиндагии сокинон, дониш, ҷаҳонбинӣ ва маърифати онҳо мусоидат менамояд.

**Муҳаммад САЛОҲИДДИНЗОДА,**
**корманди мақомоти**
**Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон**

# СУЛҲ БЕҲТАРИН НЕЪМАТ АСТ

**Мо ҳоло дар фазои ороми Ватани азизамон, ки самараи сиёсати оқилонаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон мебошад, зиндагӣ дорем. Сад шукр, ки Ватан ором асту зиндагиамон осуда. Нафароне, ки ҷангро дидаанд, аз ҷумла ҷанговарони башардӯст (иштирокчиёни ҷанги Афғонистон), арзиши сулҳу ваҳдатро бештар медонанд.**



Онҳо дар ҷанги Афғонистон иштирок намуда, низоъҳои дохилиро бо чашми сар дидаю даҳшати он рӯзҳои мудҳишро ҳанӯз пеши назар доранд.

Ҳимояи Ватан қарзи муқаддаси шаҳрвандӣ ва фарзандии ҳар як ҷавонмард аст. Он замон ин ҷавонмардони тоҷик бо амри Ватан вазифаи худро сарбаландона ба ҷо оварданд. Зиёвиддин Носиров аз зумраи онҳост. Ду сол хидмати сарбозии худро ҳамчун ҷанговари башардӯст дар сарзамини Афғонистон, замони авҷи даргириҳои дохилии ин кишвар, сипарӣ намудааст. Мегӯяд, мо ба мардуми дӯсти афғон некӣ ва ба сарзамини онҳо оромӣ мехостем ва барои иҷрои ҳамин ҳадаф камари ҳиммат баста будем, решаи терроризму экстремизмро баркандан мехостем. Рӯзҳои мудҳишро ба сахтӣ ёд меорад, зеро дар яке аз набардҳои хунин сахт маҷруҳ шуда, чандин марҳилаи табобатро паси сар кардааст. Ҳоло ҳам осори он захмҳоро эҳсос менамояд.

Қаҳрамони матлаб то сахт маҷруҳ шудан дар набардҳои хатарнок иштирок карда, уҳдадориҳои сарбозии худро сарбаландона иҷро намуд. Барои шуҷоату мардонагӣ бо ордени «Ситораи Сурх» ва медали «Барои шуҷоат» сарфароз шудааст.

